**Тақризи**

**муқаррризи расмӣ ба рисола ва автореферати Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Таҳқиқи муқоисавӣ-типологии забонҳо дар марҳилаи муосир ҳамаҷониба рушд ёфта, дар доираи фанҳои забоншиносии умумӣ яке аз мақомҳои пешсафро ишғол намудааст. Маҳз ва танҳо тавассути типология забоншиносӣ ба умумиятҳои бузургтарин рушд ёфта, ба илм табдил меёбад. Дар маҷмӯъ, зарурати таҳқиқи муқоисавии забонҳо бо он имкониятҳое, ки омӯзиши қиёсии забонҳо дар муайян намудани хусусиятҳои фаъолияти низоми забон ва унсурҳои инфиродии он пешниҳод мекунад, вобаста аст. Ҳамчун объекти таҳлил забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ он масъалаҳоеро интихоб менамояд, ки дар забоншиносии муосир аз ҳама умда ва бартарӣ доранд. Забоншиносии типологӣ торафт ба таҳияи асосҳои назарияи ҳамаҷонибаи таҳлили муқоисавӣ-типологӣ мусоидат мекунад. Ташаккули илми мазкур аз осори муҳаққиқони барҷастаи асри XX, ба мисли Е.Д. Поливанов, Л.В. Шерба, А.И. Мешанинов ва дигарон оғоз ёфтааст. Дар таҳқиқоти минбаъдаи самти мазкур дар осори В.Н. Ярсева, А.И. Смирнитский, В.А. Звегинтсева, В.Г. Гак ва дигарон масъалаҳои марбут ба усулҳо ва ҷанбаҳои татбиқи таҳлили муқоисавӣ-типологӣ, муҳимияти он барои назарияи умумии забон, таҳияи усулҳои ҳамаҷонибаи муайян сохтани ҷанбаҳои гуногуни омӯзиши воҳидҳои забонӣ таҳия гардида, системаи онҳо муайян карда мешаванд. Муқоисаи падидаҳои забонӣ дар забонҳои гуногун имкон медиҳад, ки моҳияти падидаи таҳқиқшаванда равшану возеҳ ифшо шавад, хусусият ва вижагии он ҳам дар ҷанбаи забонӣ ва ҳам дар ҷанбаи амалии нутқ ошкор карда шавад.

Забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, ки дар доираи тадқиқот ба маърази муқоиса кашида шудаанд, робитаи генетикӣ дошта бошанд ҳам, аммо дар марҳилаи муосири инкишофи худ онҳо ба чунин ҳолати ташаккули забонӣ расидаанд, ки аломатҳои фарққунандаи онҳо аз аломатҳои монандӣ афзунтаранд. Таҳқиқи муқоисавии онҳо дар марҳилаи муосир, пеш аз ҳама, ба муайян кардани равандҳо, қонуният ва низом, падидаву зуҳуротҳои хоси ҳар кадоме аз забонҳо тақозо менамояд. Дар забоншиносии тоҷик дар хусуси пешояндҳо асару мақолаҳои зиёде ба табъ расидаанд, ки дар заминаи онҳо инъикос ёфтани хусусиятҳои грамматикии пешояндҳо маводи хеле фаровон ба назар мерасад. Ба зами мавҷуд будани маводи фаровон дар бораи пешояндҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқи хусусиятҳои грамматикии ин воҳидҳои муҳими забон дар заминаи таҳқиқи муқоисавию типологии забонҳои гуногуннизом ва гуногунсохт ба паҳлуҳои нокушудаи сохтори забон равшанӣ хоҳад андохт.

**Мубрамияти тадқиқоти илмӣ,** пеш аз ҳама, дар он таҷассум меёбад, ки солҳои охир дар самти таҳқиқи пешояндҳои замон ва самту ҳаракат ба масъалаҳои басо таҳқиқталаб ва пурмуаммо далолат мекунад. Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз замони пайдоиш ва ташаккули худ давраҳои гуногуни таърихиро аз сар гузаронида, торафт ғанӣ ва мукаммал шуда, барои ба ҷо овардани эҳтиёҷоти ҷомеа ҳамчун воситаи асосӣ хизмат мекунанд. Диссертатсия ба таҳқиқи пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшидашуда дар он пешояндҳои ифодагари самту ҳаракат дар забонҳои муқоисашаванда ҳам аз нигоҳи сохтор ва ҳам аз ҷиҳати маъно мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Роҷеъ ба ин мавзуъ дар забоншиносии муқоисавӣ кори таҳқиқотии мукаммале анҷом наёфтааст. Аҳамияти пажуҳиши ин масъала иборат аз ан аст, ки дар забоншиносии тоҷик роҷеъ ба ин мавзуъ кори алоҳидаи таҳқиқотӣ анҷом наёфтааст.

Бояд гуфт, ки таҳлил ва таҳқиқи вижагиҳои муқоисаи пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар забоншиносӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор рафта, тавассути хусусиятҳояшон паҳлуҳои гуногуни қабатҳои грамматикии ин забонҳо дар рисолаи Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар забоншиносии муқоисавӣ масъалаи хусусиятҳои типологии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракати забонҳои тоҷикиву англисӣ дар асоси маводи "Ёддоштҳо"-и С. Айнӣ ва тарҷумаи англисии он бори нахуст мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор мегирад. Дар баробари ин вижагиҳои низоми сохтор, шаклгирии онҳо ва таҳаввули маъноии гурӯҳи мавриди таҳқиқи пешояндҳо дар асоси муқоисаи маводи забонҳои тоҷикиву англисӣ, мушаххас намудани хусусиятҳои типологии онҳо як иқдоми тоза дар забоншиносии муосир буда, маҳаки навгонии илмии диссертатсияро нишон медиҳад. Ҳамзамон ҷанбаи дигари навгонии таҳқиқоти мазкур ба масъалаҳои тасниф ва муқоисаи қолабҳои пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ марбут аст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки тавассути таҳлили маводи муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикиву англисӣ ва вижагиҳои сарфию наҳвӣ ва дараҷаи истифодаи онҳо дар забони адабии тоҷикӣ ва бо фарогирии маводи забони англисӣ ибрози андеша намудан мумкин аст хулосаҳои илмии бадастомадаро дар таълифи китоби дарсии муқоисаи типологии забонҳо барои факултетҳои филология, тарҷумонӣ ва забонҳои Аврупову Осиё истифода кардан тақозои замон мебошад.

**Ҳамзамон саҳми шахсии муаллифи рисола дар он аст, ки** муҳаққиқ бори аввал тавонистааст дар диссертатсияи мазкур ба таври илмӣ хусусиятҳои монандиву тафовути пешояндҳои ифодакунандаи замон ва

самту ҳаракатро бо истифода аз методҳо ва заминаи назарии забоншиносии муқоисавӣ мушаххас ва муқаррар намояд.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, ихтисораҳо ва феҳрасти адабиёт иборат буда, мазмун ва муҳтавои пажуҳиш дар ҳаҷми 170 саҳифаи чопи компютерӣ манзур мегардад.

Боби нахустини диссертатсия, ки «**Асосҳои назариявии омӯзиши пешояндҳо дар забони тоҷикӣ ва англисӣ**» унвон дорад, фарогири 4 фасл аст. Таҳқиқоти мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ, типологӣ ва муқобалай – таҳқиқи пешояндҳои ифодагари маънои замон ва самту ҳаракат бар мабнои маводи забонҳои тоҷикиву англисӣ бахшида шудааст. Макону фазо, ки дар он самту ҳаракат сурат мегирад, ҳамчунин замону вақт ҳамчун мафҳуми асосӣ дар шуури инсон нақш мебандад ва аз ин лиҳоз таҳқиқу омӯзиши пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат имкон медиҳад, ки қонуниятҳои замонии олам ва амалу зуҳуроти дар макон ва фазои муайян суратгирифта ба таври комилу возеҳ дарк карда шавад ва ба ин восила инсон аз ҳаводиси ба вуқуъ меомада ва ифодаву инъикоси он дар забон бархурдор мегардад. Аз ин лиҳоз ҷанбаи омӯзиши масъалаҳои бо мафҳуми замон ва самту ҳаракат, ки дар макони муайян сурат мегирад, алоқаманд буда дар забоншиносии муқоисавӣ хеле фарох аст.

Муаллифи рисола қайд менамояд, ки дар ҳар ду забон пешояндҳои ифодакунандаи муносибати замон ва самту ҳаракатро метавон ба зермайдонҳои «ба зуҳури як амал, ҳодиса дар як вақт», «зуҳури як амалу ҳодиса пас аз дигар ҳодиса дар замони муайян», «зуҳури амал дар вақти ду ҳодиса», «мансубияти ҳодиса ба кисми аввали муҳлати вақт», «мансубияти ҳодиса ба қисми интиҳоии вақт», «мансубияти як ҳодиса ба нимаи дуюми вақт», «зуҳури ҳодиса дар вақти муайян» ва амсоли ин ҷудо намуд.

Дар забони тоҷикӣ пешояндҳои замон ва самту ҳаракат сершумор буда онҳоро аз лиҳози маънӣ ва ҷузъҳои луғавию грамматикиашон ҷудо мекунанд. Агар дар забони тоҷикӣ пешояндҳои таркибии ифодакунандаи вакту замон ва самту ҳаракат дар муқоиса бо пешояндҳои аслӣ сермаҳсул бошанд, пас дар забони англисӣ пешояндҳои аслӣ ва мураккаб аломати сермаҳсулиро ба худ касб мекунад.

Ҳамзамон муаллифи рисола таъкид менамояд, ки дар байни пешояндҳои таркибии забонҳои муқоисашаванда алоқаи муродифӣ ва ҳаммаъноӣ ҷой дорад, ки он аз шабоҳати маънои луғавии ҷузъҳои номии пешояндҳо вобастаанд.

Дар ҳар ду забон метавон ду навъи алоқаи муродифиро байни пешояндҳо ҷудо намуд: муродифи пурра, ки бидуни маънои иловагӣ ва алоқаи пурраи ҷузъҳо бо ҷудо намудани маъноҳои иловагие, ки маънои қисми номи пешояндҳои таркибиро муайян мекунад ва муродифҳои ҷуфт, ки ҳангоми ифодаи муносибати замони пешояндҳои амсоли «қариби» ва «наздики, баъди, паси, баъд аз, пас аз», инчунин пешоянди «барои» ва шабеҳи инҳоро метавон ворид намуд. Шабоҳат байни пешояндҳои муродиф танҳо дар яке аз ҷузъҳои маънoии он дида мешавад ва баррасии масъалаи мазкур таҳқиқоти ҷудогонаи монографиро тақозо менамояд.

Боби дуюми диссертатсия **“Вижагихои типологии пешояндҳои ифодаи замон дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** номгузорӣ шуда аз шаш фасл иборат аст. Дар ин қисмати рисола муаллиф роҷеъ ба вижагиҳои типологии пешояндҳои ифодакунандаи замон дар забонҳои тоҷикиву англисӣ баён намудааст. Бояд қайд намуд, ки ҳар як пешоянд вобаста ба ифодаи замонӣ ва сохтору маъно бо гунаҳои англисиашон шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Ба монанди пешояндҳои аслии содаи ифодакунандаи замони зуҳури амалу ҳодиса: **аз – from.** дар ҳарду забон ҳам пешоянди мазкур вазифаҳои замони сар шудани амалро нишон медиҳад. Муаллифи рисола қайд менамояд, ки гунаи англисӣ пешоянди мазкур «from» буда,

дар бештари ҳолатҳо дар шакли «after» омада, ҳамчун «баъд аз, пас аз» тарҷума мешавад, ё ин ки пешоянди **дар – гунаи англисӣ on, in:** дар забонҳои мавриди қиёс пешоянди номбурда бо маъниҳои муносибати ҳоли замон корбурд мегардад. Дар рисолаи илмӣ муайян шудааст, ки пешоянди **дар** ва пешояндҳои таркибии аз он сохташуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар ифодаи маънои грамматикии ҷумла мақоми хосае доранд. Муаллифи рисола пешояндҳои номие, ки муносибатҳои замониро нишон медиҳанд, аз исмҳои мавҳум ва зарфҳо, ки вақтро мефаҳмонанд таҳлил намудааст: **баъд – after, пеш – before, айн – now, қариб – near, қабл – then, зарф – now, муддат – period, вақт – time.** Ҳамзамон муаллифи рисола қайд менамояд, ки пешояндҳои номии изофии ҳам сода ва ҳам таркибие, ки муносибатҳои замониро ифода мекунанд, аз ҷиҳати миқдор бисёранд ва тобишҳои семантикии ҳархелаи замонро ба таври васеъ акс мекунанд. Мавзуи мазкур ҷолиби диққат ва баҳсталаб буда, таҳқиқи он барои омӯзандагони забонҳо дорои аҳамияти муфиду судманд мебошанд.

Боби сеюми диссертатсия низ аз шаш фасл иборат буда муаллиф таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи самту ҳаракатро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба хуби таҳлил намудааст.

Пешояндҳои ифодакунандаи “самту ҳаракат”-и забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ сермаъно буда, як пешоянд метавонад якчанд маъноро ифода намояд. Дар забонҳои муқоисашаванда як миқдор пешояндҳои нишондиҳандаи самт ва ҳаракат ҳамеша самти амалро ба ягон тараф ва ё сӯй нишон медиҳанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки самтро феъл ифода намуда, пешоянд танҳо ҳамчун калимаи ёридиҳанда онро маънидод мекунад. Пешояндҳои нишондиҳандаи самт ва ҳаракат дар забони тоҷикӣ зиёд мебошанд ва ҳамчун калимаҳои ёридиҳанда истифода мешаванд. Чанд пешоянде, ки самт ва ҳаракатро дар ҷумла ифода мекунанд мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст ба монанди **ба – to, toward, towards.** Пешоянди **ба** ва гунаи

англисии он **to** асосан самти амал ва ё ҳаракатро нишон медиҳад: 1. Ба сӯйи ашё ва ё ба ҷое равона шудани амал. 2. Нигаронидани амал ба сӯйи шахс. 3.Равона шудани амал ва ё ҷой гирифтани предмет ба сатҳ ва ё ба болои ҷое ё чизе.

Пешояндҳои самт ва ҳаракат: **out, away, from, towards, off, through, past, along, across, up, down, over, above, below, at, into** хуб таҳлил шудааст ва муаллиф қайд менамояд, ки амалеро ба самте нишон медиҳанд ва ҳамеша бо феъл якҷоя меоянд: Пешояндҳои самт ва ҳаракат: out of, from, towards, for, off, beyond, through, past, up, down, round, across, below, over, above, into, onto, along, to, at.

Муаллифи рисола дар раванди таҳқиқу пажуҳиши вижагиҳои маъноиву сохтории пешояндҳои ифодагари замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таъкид менамояд, ки забонҳои мавриди таҳқиқ дар баробари умумиятҳои гуногуни сарфиву наҳвӣ ва маънои ифодакуниву луғавӣ доштан дорои фарқиятҳо низ мебошад.

Дар умум, кори диссертатсионии Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович тадқиқоти илмии ба итмом расида маҳсуб меёбад. Дисертатсия тадқиқоти мустақил ва дорой дурнамой илмӣ буда, арзишӣ баланди назариявӣ ва амалӣ дорад. Дар баробари ин баъзе камбудиҳо ва норасоиҳоро қайд кардан мумкин аст, ки асосан хусусияти техникӣ доранд.

Бар замми он, ки диссертатсия пурмазмун ва бо мисолҳои исботкунанда аз тарафи диссертант навишта шудааст, вале ба ҳар ҳол дар диссертатсия баъзе нуқсонҳо ба назар мерасанд:

1. Муаллиф дар рисола иқтибосоти зиёдеро ҷой додааст, агар назари танқидии худро баён менамуд, хуб мешуд.
2. Ягон эроде, ки метавонд ба унвонҷу гирифт, ин ҷо-ҷо ишора нашудани пешояндҳо дар мисолҳои тарҷумашуда аст .
3. Агар ҳар як пешоянд аз нигоҳи луғавию маъноӣ баррасӣ мегардид, ҳусну қубҳи рисола афзунтар мешуд.

4. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия камбудиҳои услубӣ ва техникиро мушоҳида кардан мумкин.
5. Дар бархе аз саҳифаҳои кор (саҳ. 86, 96) сарчашмаҳои иқтибосгардида нишон дода нашудааст.

Камбудӣ ва норасогиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши дисертатсияро кам намекунанд. Дар маҷмӯъ, кори диссертатсионии Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович зери унвони "Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифдодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асосӣ "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 –юми июни соли 2021, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ арзанда аст.

Номзади илмҳои филологӣ, муовини
директор оид ба илм ва иноватсия
Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи № 2
барои хонандагони болаёқат" – и
шаҳри Душанбе Махадова Г.Х.
Суроға: 734043, Ҷ Т, ш. Душанбе,
кӯчаи Гулпарвар, хонаи № 1050
Тел.+992 901220163
Email: mahadovagulniso@gmail.com

«Имзои номзади илмҳои филологӣ
Махадова Г.Х-ро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳои Айниддинова С.
Муассисаи давлатии таълимии
«Литсейи № 2 барои хонандагони
болаёқат"-и шаҳри Душанбе
Суроға: 734043, Ҷ Т, ш. Душанбе,
хиёбони А.Сино, 138/3
Тел:+988083246
Email: Litsey2@mtu.tj